# СУРАТМАҶЛИСИ № 17
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059

17-уми марти соли 2021 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 марти соли 2020, № 62 тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктордони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Азимӣ Саламат дар мавзӯи «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ Маҷидзода Ҷ.З., аъзоёни комиссияи ташхис Назаров А.Қ., Сафарзода Ҳ.С. баромад намуданд (Хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1.Диссертатсияи Азимӣ Саламат дар мавзӯи «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич-доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини аввали прокурори Вилояти Суғд;

– Хайров Фирдавс Мадуллоевич-номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори Хадамоти огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболиғону ҷавонони РВКД дар шаҳри Душанбе.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия - муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4.Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 25-уми июни 2021 соати 14.00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Сафарзода А.И.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**